Чун моҳи Рамазон фаро расид, умра бикун, зеро умра дар Рамазон баробари як ҳаҷ аст

Аз ибни Аббос (разияллоҳу анҳумо) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба зане аз ансор, ки номашро ибни Аббос зикр карда буд, аммо ман фаромӯш кардам, гуфт: "Чӣ чиз туро аз ҳаҷ кардан бо мо боз дошт?" Он зан гуфт: Мо ҳамагӣ ду шутур доштем, ки шавҳарам бо писараш бо он ҳаҷ рафтанд ва якеро барои мо боқӣ гузоштанд, ки бо он барои худ об биёрем. Фармуданд: "Чун моҳи Рамазон фаро расид, умра бикун, зеро умра дар Рамазон баробари як ҳаҷ аст."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Ҳангоме ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз ҳаҷҷи видоъ баргашт, ба як зани ансорӣ, ки ҳаҷ накарда буд, гуфт: Чӣ чиз туро аз адои ҳаҷ бо мо боз дошт? Он зан узр пеш овард, ки онҳо ду шутур доранд ва бар яке шавҳару писараш ҳаҷ рафтанд ва дуюмиро барои аз чоҳ об овардан барояшон гузоштанд. Пас Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба ӯ гуфт, ки адои умра дар Рамазон баробари савоби як ҳаҷ аст.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/2753